Замима

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз
25 сентябри соли 2015, №589
тасдиқ шудааст

Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди бозори такрории
коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯи чорабинӣ | Мақсади чорабинӣ | Мӯҳлати иҷро | Мақомоти масъул |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 1) Бартараф кардани ихтилофоти қонунгузориҳои мавҷуда ва мукаммал намудани заминаи меъёрии ҳуқуқии рушди бозори коғазҳои қиматнок.<br>2) Такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти пешниҳодоти сармоягузорон | 1) Таъмин намудани заминаи меъёрию ҳуқуқӣ оид ба рушди минбаъдаи бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ.<br>2) Ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар ҷараёни такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | 2015-2017 | Вазорати молия, Вазорати адлия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Бонки миллӣ, шарикони рушд |
| 2. | Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок” бармеоянд | Танзими пурраи муносибатҳо дар бозори коғазҳои қиматнок ва таъмини иҷрои талаботи қонунгузорӣ | Солҳои 2015-2017 | Вазорати молия |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Танзим ва ҷорӣ намудани механизми ҷойгиркунии коғазҳои қиматноки аввалияи давлатӣ дар биржаҳои фондӣ, инчунин гардиши такрории коғазҳои қиматноки давлатӣ ва коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон тавассути иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок | Коғазҳои қиматноки давлатӣ яке аз воситаҳои молиявии пардохтпазир ва муҳим дар биржаҳои фондӣ ба шумор рафта, имконияти ҷалби бештари сармоягузорон ва баланд бардоштани нуфузи онҳоро байни сармоягузорон фароҳам меоварад. | Солҳои 2015-2016 | Вазорати молия, Вазорати адлия, Бонки миллӣ, ҶСК "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ" |
| 4. | Таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба додани имтиёзҳои андозӣ ба иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, эмитентҳо ва сармоягузорон дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок | Ҳавасманд гардонидан ва ҷалби иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, эмитентҳо ва сармоягузорон | Солҳои 2015-2016 | Вазорати молия, Кумитаи андоз |
| 5. | Ташкили хариду фурӯши коғазҳои қиматноки давлатӣ тавассути биржаҳои фондӣ | Шаффофият ва иштироки бештари саҳмгузорон дар раванди хариди коғазҳои қиматноки давлатӣ. Бо нархи бозорӣ ба фурӯш баровардани коғазҳои қиматноки давлатӣ | Соли 2016 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 6. | Мусоидат ҷиҳати зиёд кардани номгӯ ва миқдори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла коғазҳои қиматноки давлатӣ ва эмиссияи мунтазами онҳо | Таъмин намудани имкони интихоб ба сармоягузорон ва харидорон. Дар сурати зиёд гардидани намудҳои коғазҳои қиматнок, шумораи иштирокчиён низ зиёд гардида, рақобати солим ба вуҷуд меояд | Доимӣ | Вазорати молия, бахши хусусӣ |
| 7. | Тавассути биржаи фондӣ ба роҳ мондани муомилоти захираҳои фондҳои нафақа, суғурта, сармоягузорӣ ва Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ. | Ба бозори молиявӣ ҷалб намудани фондҳо иҷтимоӣ, аз ҷумла фонди нафақа, фонди ҳифзи иҷтимоӣ ва фонди суғурати иҷтимоӣ ва ба институти сармоягузорӣ табдил додани онҳо | Доимӣ | Вазорати молия |
| 8. | Мусоидат ба рушди инфрасохтори бозори коғазҳои қиматнок | Ташкили инфрасохтори бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла:<br>1)Маҳфуздорандаи марказӣ;<br>2) Ташкилоти клирингӣ;<br>3) Пешбурди феҳристи дорандагони коғазҳои қиматнок;<br>4) Кастодианӣ<br>5) Брокерӣ-дилерӣ<br>6) Маркет-майкерҳо | Доимӣ | Вазорати молия |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9. | Истифодаи коғазҳои қиматноки давлатӣ, аз ҷумла векселҳои хазинадории Вазорати молия ва векселҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун замонат дар низоми қарзӣ | Таъмини бозоргирии векселҳои Бонки миллӣ ва векселҳои хазинадории Вазорати молия | Доимӣ | Вазорати молия, Бонки миллӣ |
| 10. | Содда ва камхарҷ намудани раванди листинг. | Ҷалби бештари ширкатҳои саҳомӣ барои бақайдгирии саҳмияҳояшон дар биржаи марказӣ. | Солҳои 2015-2016 | Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| 11. | Таъмини шароити зарурӣ ҷиҳати ба бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ баровардани саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, аз ҷумла ҷамъиятҳое, ки дар онҳо ҳиссаи давлат мавҷуд аст | 1) Баровардани коғазҳои қиматноки корпоративӣ ва давлатӣ ба бозорҳои фондии байналмилалӣ<br>2) Ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани саҳмияҳои корхонаҳои ватанӣ | Солҳои 2015-2017 | ҶСК “Биржаи фондии Осиёи Марказӣ” Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, шарикони рушд |
| 12. | Тарғиб намудани ҷамъиятҳои сахҳомии муваффақ тавассути ВАО ба сармоягузорон ва ҷомеа. | 1) Ҷалби бештари сармоягузорони дохилӣ ба ҷамъиятҳои саҳомӣ.<br>2) Дастрасии аҳолӣ ба иттилоот дар бораи ҷамъиятҳои саҳомии ватанӣ | Доимӣ | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи телевизион ва радио, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ва дастоварду нишондиҳандаҳои онҳо.<br>3) Таъмини шаффофияти фаъолияти ширкатҳои саҳомӣ | | бахши хусусӣ, шарикони рушд |
| 13. | Баромадҳо тавассути воситаҳои ахбори омма, ташкили семинарҳо ва ба роҳ мондани вохӯриҳо байни ҷамъиятҳои хоҷагидор ва аҳолӣ | Баланд бардоштани мафкура ва дониши молиявии шаҳрвандон, шинос намудани аҳолӣ бо фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Доимӣ | Вазорати молия, ҶСК "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ", Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| 14. | Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ тайёр намудани мутахассисон дар самти бозори коғазҳои қиматнок | Бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ тайёр намудан ва ҷалби мутахассисони ватанӣ дар кори биржаи фондӣ | Соли 2015 | Вазорати маориф ва илм, Вазорати молия |
| 15. | Андешидани чораҳо барои баланд бардоштани маърифати сармоягузории аҳолӣ тавассути воситаҳои ахбори омма, гузаронидани тренингҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва курсҳои бозомӯзӣ оид ба рушди бозори коғазҳои қиматнок | Ҷалби бештари иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, намояндагони ташкилотҳои қарзӣ ва дигар ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва хориҷӣ | Доимӣ | Вазорати молия, Кумитаи телевизион ва радио, ҶСК "Биржаи фондии Осиёи Марказӣ", |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 16. | Тибқи тартиби муқarrаргардида ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кишварҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ дар самти бозори коғазҳои қиматнок ва дохил шудан ба ассотсиатсияҳои биржавии байналмилалӣ | Узвият дар Ассотсиатсияи биржаҳои байналмилалӣ имконияти ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо биржаҳои фондии давлатҳои хориҷӣ, омӯзиши таҷриба, ҷалби сармоягузорӣ, такмили қонунгузорӣ ва инфрасохтори биржаҳои фондиро фароҳам меоварад | Доимӣ | Вазорати молия, Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ҶСК “Биржаи фондии Осиёи Марказӣ” |